# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ). – Душанбе, 2026. – 197 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Меҳвари асосии диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» омӯзиши масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ: таъсири мутақобилаи адабиёти тоҷик ва фаронсавӣ робитаҳои адабии тоҷику фаронсавиро ташкил медиҳад, ки дар доираи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Мавзуи диссертатсия дар доираи шиносномаи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) таҳқиқ гардидааст ва масъалаҳои дахлдори он ба бандҳои 7, 8, 9 ва 10 ихтисоси мазкур мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Адабиёти ҷаҳон дар тули таърих дар робита ва таъсири мутақобилаи адабиёти миллатҳои гуногуни дунё ташаккул ёфтааст. Ин ташаккулёбӣ дар доираи робитаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии мардуми гуногунмиллат ба вуқуъ мепайвандад. Адабиёти муқоисавии Шарқу Ғарб як соҳаи омӯзиш аст, ки робитаҳо, шабоҳатҳо ва фарқиятҳои байни адабиёти кишварҳои Осиё ва Аврупоро меомӯзад. Таҳқиқи таъсири мустақими муаллифон, тарҷумаҳо ва ҳаммонандии сюжетҳо аз адабиёти Ғарб ба Шарқ ва баръакс аз ҳадафҳои муҳаққиқони муосир ба шумор меравад. Масъалаҳои омӯзиши робитаҳои адабии Шарқу Ғарб, аз ҷумла омӯзиши тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии муосир ба ҳисоб меравад, ки дар диссертатсия мавриди назар таҳқиқ гардидааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар диссертатсия масъалаҳои тарҷумаи адабиёти бадеӣ ҳамчун асоси робитаҳои адабӣ, махсусиятҳои тарҷумаҳои асарҳои адибони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар аҳди Шуравӣ, аз забони асл тарҷума шудани осори адибони фаронсавӣ дар замони Истиқлол ва баъзе вижагиҳои марбут ба ин соҳа, саҳм ва ҷойгоҳи муҳаққиқони тоҷик дар таҳқиқи илмии масъалаҳои гуногуни робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ, таъсирпазирии адибони тоҷик аз адабиёту фарҳанги Фаронса, нақш ва ҷойгоҳи адабиёти фаронсавӣ дар адабиёти тоҷики замони Истиқлол мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо хулосаҳои муҳимму далелнок мустаҳкам гардидаанд. Муаллиф нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар чаҳор қисмат муайян намуда, аз ҷумла зикр менамояд, ки «Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон осори адибони фаронсавӣ ба тоҷикӣ

тарҷумаю интишор ёфта, рӯз то рӯз ҳаводорони он зиёд шуда истодаанд»(дис. с.11).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Довталаби дараҷаи илмӣ Одилова Зайнура Обидовна дар ҷараёни пажуҳиш маводди зиёд гирд оварда, бо такя бар таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён кардааст. Рисола бо забони хуби илмӣ навишта шуда, ҷамъбасту хулосаҳои он эътимодбахш мебошанд. Ҳамзамон, бо таҳлилу баррасии амиқи назариявии мавзуи мавриди назар, нуктаҳои мушаххаси методологӣ ва маводди гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтору мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ асос ёфта, ин хусусиятҳо ба пажуҳиши масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ боис гардидаанд, ки ҳамагӣ эътимоднокии пажуҳиши илмиро мушаххас месозад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Сохтори рисола ба характери масъалаҳои мавриди таҳқиқ мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, чордаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он 197 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** аҳаммияти мавзуи интихобшуда ва дараҷаи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаи таҳқиқ, тозагии илмии он, мушаххас ифода ёфтааст. Муаллиф дар асоси аз равишҳои хосси адабиётшиносӣ ба таҳқиқи масоили мавриди назар пардохта, ба дастовардҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ такя кардааст.

Боби аввали диссертатсия **«Заминаҳо ва самтҳои асосии робитаҳои адабии Тоҷикистон ва Фаронса»** ном дошта, фарогири се фасл мебошад. Фасли якум **«Робитаҳои расмии Тоҷикистон ва Фаронса дар замони муосир»** робитаҳои расмии Тоҷикистону Фаронсаро дар замони муосир мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин фасл муаллифи диссертатсия шароити мусоиди рушди робитаҳои адабии ду кишварро дар заминаи шароити мусоиди таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии замони Истиқлоли Тоҷикистон меҳисобад. Муаллиф дар ин фасл, дар заминаи муносибатҳои хуби дипломатӣ такмил ёфтани муносибатҳо дар соҳаи фарҳангу адаб, тарҷума ва пажуҳишро таъкид намудааст.

Фасли дуюми боби якуми диссертатсия **«Пешинаи таъсири фарҳангу адаби Фаронса ба ҳаёти адабию фарҳангии халқи тоҷик»** номгузорӣ шуда, муаллифи диссертатсия назари Аҳмад Махдуми Дониш ва Мирзо Сироҷи Ҳакимро ҷиҳати пешрафти кишварҳои мутамаддини Ғарб баррасӣ намудааст. Воқеан, Аҳмади Дониш дар заминаи ахбори муосирон ва натиҷаи сафараш ба Русия дар бораи Фарангистон – кишварҳои Аврупо дар «Наводир-ул-вақоеъ» мулоҳизаҳои худро баён намуда, шаҳри Парижро ҳамчун арӯси шаҳрҳо дар қатори Петербург ва Лондон тазаккур додааст.

Фасли сеюми боби нахусти диссертатсия **«Самтҳои асосии пайвандҳои адабии тоҷику фаронсавӣ»** унвон дорад. Ба андешаи муаллифи диссертатсия, самтҳои асосии робитаҳои адабии Тоҷикистон ва Фаронса дар замони Истиқлол, бахусус, бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати

миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон такмил ёфтааст. Муаллифи диссертатси бар он андеша аст, ки «Робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ дар заминаи омилҳои дохилӣ: анъанаи ривоятгарӣ, достонҳо, қиссаҳо, афсонаҳо ва омилҳои берунӣ, монанди фаъолиятҳои шарқшиносӣ, тарҷума ва дигар шаклҳои робитаҳои адабӣ ва фарҳангӣ шакл гирифтаанд»(дис. с.34).

Боби дувуми диссертатсия **«Робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ дар заминаи пажуҳишоти адабӣ»** унвон дорад ва аз панҷ фасл таркиб ёфтааст. Муаллифи диссертатсия дар ин боб саҳми олимони тоҷикро дар омӯзиши робитаҳои адабӣ дар фаслҳои алоҳида таҳқиқ намудааст. Фасли аввали боби дуюм **«Саҳми профессор Шокир Мухтор дар омӯзиши робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ»** ном дорад. Дар ин фасл муаллиф фаъолияти Шокир Мухторро дар омӯзишу таҳқиқи робитаҳои адабии тоҷику Фаронса дар заминаи осори илмии ӯ – «Ситораҳои бурҷи Эйфел» (1982) «Франция читает «Гулистан» (1987), «Замон ва тарҷумон» (1989), «Мақолот» (2001), «Шухрати Румӣ дар Фаронса» (2001), «Персидско-таджикская классическая поэзия во Франции» (2003) таҳқиқ намудааст. Аҳаммияти фасли мазкур аз он иборат аст, ки муҳаққиқ бори нахуст таҳқиқоти Шокир Мухторро ба таври куллӣ баррасӣ намуда, арзиши илмии онро дар пешрафти адабиётшиносии муқоисавӣ бо далелҳои қатъӣ таъкид намудааст.

Фасли дувуми боби дуюми диссертатсия **«Ибаррури Раҷабова – муҳаққиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ»** номида шудааст. Дар ин фасл заҳмати И.Раҷабова дар омӯзиши тарҷумаҳои насри ривоятии форсу тоҷик ба забони фаронсавӣ тазаккур гардида, монографияи илмии муаллиф бо номи «Таджикско-персидская повествовательная проза в литературном процессе Франции начала XVIII в.» аз ҷумлаи адабиётшиносии татбиқӣ (қиёсӣ) ва нақди адабии навин дониста шудааст.

Муаллифи диссертатсия фасли сеюми боби дуюми диссертатсияро **«Айнӣ ва адабиёти Фаронса дар таҳқиқи Д. Ҳ. Бобоева»** номидааст. Дар ин фасл дар бораи таъсирпазирии С.Айнӣ аз адабиёти фаронсавӣ, дар мисоли суруди «Марши ҳуррият» ва ё «Суруди озодӣ» таъкид гардида, муаллиф бар он андеша аст, ки «Марши ҳуррият» ба Марселеза аз ҷиҳати маъно монандӣ дорад. Ҳамзамон, дар ин фасл назари мунаққидони фаронсавӣ ба «Ёддоштҳо», «Марги судхур» ва «Ҷаллодони Бухоро»-и С.Айнӣ баён гардидааст.

Фасли чаҳоруми боби дуюми диссертатсия **«Таъсири сужаҳои «Ҳазору як шаб»** ба насри ривоятии фаронсавӣ дар таҳқиқи Д.О. Маҳмудов» ном дорад. Дар фасли мазкур таъкид гардидааст, ки таҳқиқоти Д. Маҳмудов нишон медиҳад, ки тарҷумаи фаронсавии «Ҳазору як шаб» (аз тарафи Антуан Галлан, солҳои 1704-1717) нахустин кӯшиши ворид кардани **сужа ва образҳои адабиёти Шарқ ба адабиёти Аврупо буд, ки ба таври бевосита ва ногузир бар давраи маорифпарварӣ дар Фаронса таъсири худро гузоштааст.**

Дар фасли панҷуми боби дуюми диссертатсия таҳқиқоти дигар – **«Низомии Ганҷавӣ ва Фаронса дар таҳқиқи Н. С. Гадоева»** таҳқиқ

гардида, дар ин фасл ба марҳилаҳои асосии низомишиносӣ дар адабиётшиносии Фаронса таваҷҷуҳ ба назар мерсад. Ба қавли муаллифи диссертатсия, муҳаққиқ Н. Гадоева дар рисолаи раванди пайдоиш ва рушди низомишиносӣ дар Фаронса, инчунин, баррасии ҳолат ва сифати тарҷумаҳои «Хамса» ба забони фаронсавиро таҳқиқу баррасӣ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ бар мабнои тарҷума ва таъсирпазирӣ»** унвон дорад ва аз шаш фасл иборат аст. Фасли аввали боби сеюм **«Тарҷума ҳамчун воситаи асосии ба вуҷуд омадани робитаҳои адабӣ»** номида шуда, дар он дар мавриди таъсирпазирии тарҷумаи бадеӣ ба адабиёти миллӣ сухан меравад. Дар ин фасл паҳлуҳои назарии тарҷума ва таърихи ташакулёбии он дар адабиёти форсу тоҷик таҳқиқ гардидааст. Муаллиф бар он назар аст, ки маҳз тарҷумаи асари бадеӣ дар ташакули робитаҳои адабӣ заминаи мустаҳкам мегузорад.

Фасли дуюми боби сеюми диссертатсия **«Тарҷумаи асарҳои адибони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар замони шуравӣ»** ном дорад, ки раванди тарҷумаҳои бавоситаи осори адибони машҳури фаронсавиро дар замони шуравӣ таҳқиқ намудааст. Аз ҷумла, «Гобсек» ва «Палковник Шабер»-и Балзак, «Наваду савум», «Рӯзи охирини каси маҳкумшуда», пораҳои алоҳидаи романҳои «Мардудҳо» ва «Одаме, ки механдад»-и Гюго, «Зани содадил» ва «Хонум Бовари»-и Флобер, ҳикояву новеллаҳои Ги де Мопассан ва ғайра мебошад. Дар ин фасл шеъри «Шоҳи Форс»-и Гюго, ки аз ҷониби Лоиқ Шералӣ аз русӣ тарҷума гардидааст, баррасӣ ёфтааст. Ба қавли муаллифи диссертатсия, ҳангоми тарҷума мутарҷим шояд барои нигоҳ доштани шакли шеър бошад, ки дар баъзе ҳолатҳо ба ҷойи баъзе калимаю вожаҳои фаронсавӣ тамоман дигар калимаю вожаҳоро истифода намудааст ва ё шояд варианти русӣ аз матни асл фарқ дошта бошад.

Дар фасли савуми боби сеюми диссертатсия масъалаи **«Тарҷумаи назму насри фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар даврони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон»** мавриди омӯзиш қарор гардидааст.

Дар ин фасл, муаллифи диссертатсия фарқиятҳои тарҷумаи замони шуравӣ ва замони Истиқлолро нишон дода, муваффақияти замони имрӯзро дар тарҷумаҳои бевосита донистааст. Махсусан, дар ин давра аз осори Алфонс Доде, Пол Верлен, Антуан де Сент-Экзюпери, Албер Камю, Филипп Жаккоте, Клод Эстабон, Лоран Гаспар, Жам Сакре, Ерик Берни ва дигарон хонандаи тоҷик ошно гардидааст. Аз ҷумлаи мутарҷимони замони Истиқлол С. Султонзода, Т. Муҳиддинов, А. Маликов, Р. Олимов, А. Ашӯров, Б. Пулотов, М. Мавлонова ва дигарон мебошанд, ки муаллифи диссертатсия дар мавриди сифати тарҷумаи онҳо андешаҳои худро иброз намудааст.

Фасли чоруми боби сеюми диссертатсия ба таҳқиқи масъалаи **«Дурнамои тарҷумаи намунаҳои адабиёти Фаронса дар Тоҷикистон»** бахшида шудааст. Муаллиф бар он аст, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон осори адибони фаронсавӣ ба тоҷикӣ тарҷумаю интишор мешаванд. Дар тарҷума ва таҳқиқи осори адибони фаронсавӣ, аз қабили О.

Балзак, Г. Мопассан, Э. С. Экзюпери, А. Камю, Э. Берни, П. Мериме, Ж. Синуе, Ж. П. Сартр, Р. Куно, А. Моруа ва дигарон дар замони соҳибистиқлолии кишвар нақши мутарҷимону донишмандони тоҷик, чун Ш. Мухтор, Гулназар, Ш. Ҳақназаров, Т. Нигорӣ, Т. Ҷумаев, С. Султонзода, Т. Муҳиддинов, Б. Пулотов хеле калон аст. Дар ин фасл, заминаҳо ва роҳҳои беҳтар гардидани сифати тарҷумаҳо ва ҷалби ҷавонон ба кори тарҷума хеле хуб баррасӣ гардидааст.

Дар фасли панҷуми боби сеюми диссертатсия масъалаи **«Таъсирпазирии назму насри даврони шуравии тоҷик аз осори адибони фаронсавӣ»** таҳқиқ шудааст. Ҳарчанд ки аксари тарҷумаи осори адибони ҷаҳон аз забони русӣ ба адабиёти шуравии тоҷик роҳ меёфтанд, дар ташаккул ва инкишофи назму наср яке аз сарчашмаҳои муҳим ба ҳисоб мерафт. Ин аст, ки дар фасли мазкур таъсирпазирии насри фаронсавӣ ба осори адибони муосири тоҷик таъкид гардидааст.

Фасли охири боби сеюми диссертатсия **«Таъсири адабиёти фаронсавӣ ба назму насри замони Истиқлол»** ном дорад. Ба андешаи муаллиф, адибони тоҷик Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Гулназар, Баҳманёр, Абдулҳамид Самад, Кароматуллоҳи Мирзо ва дигарон аз сабку услуби шоирону нависандагони маъруфи фаронсавӣ истифода намуданд. Дар ин фасл муаллиф ҳаммонандии мақтаи шеъри Қутбӣ Киром «Софи Лорен дар Пориж» бо шеъри машҳури шоири фаронсавӣ Жак Превер «Мехостам ту ба ёд орӣ» таъкид намудааст:

«Лек дар соҳили пуромадурафт
Мешавад кӯр ҳар он нақш, ки ҳаст»

Аз Жак Превер «Мехостам ту ба ёд орӣ»-ро ба хотир меоварад, ки чунин аст:

Et la mer efface sur la sable
Les pas des amants désunis.
Баҳр кӯр мекунад дар рӯйи рег,
Изи пойи ошиқони аз ҳам ҷудошударо(дис. с.153).
[Тарҷумаи маъноии аз муаллиф].

**Хулосаҳо ва натиҷагириҳои** диссертант дар 10 банд оварда шудаанд, ки натиҷаи ковишу баррасиҳои пурвусъати ӯ мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, аз як тараф, паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи баланди илмии ин кор мебошад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии** таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои асосии назарӣ ва амалии бобу фаслҳо ва равишҳои баррасии истифодашуда дар соҳаи робитаҳои адабии тоҷик бо кишварҳои дигар густариш дода шудаанд. Маводди таҳқиқшуда, натиҷаҳо ва хулосаи бадастомада дар диссертатсия барои омода кардани курси лексияҳо, хондани курсҳои махсус дар соҳаи робитаҳои адабӣ, ки марбут ба масъалаҳои робитаҳои адабии муосири тоҷику фаронсавианд, барои таҳияи дастуру воситаҳои таълимию методӣ дорои аҳаммият мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар 18 мақолаи муаллиф, ки 9 мақола

дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, **саҳми шахсии муаллифро** собит менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия, автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия мувофиқ ба меъёрҳои муайянгардида таҳия шуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия**. Дар баробари дастовардҳо дар рисола чанд норасоиҳои ҷузъииислоҳталаб ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро меафзояд.

1. Дар диссертатсия таносуби ҳаҷми бобҳо ба назар намерасад, аз ҷумла, боби якум аз 24 саҳифа, боби дуюм аз 43 саҳифа ва сеюм аз 82 саҳифа иборат мебошанд.

2. Муаллиф дар фасли дувуми боби аввали диссертатсия асосан, андешаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш ва Мирзо Сироҷи Ҳакимро баррасӣ намудааст.Номи фасл мутобиқи мавзуи матраҳшаванда номгузорӣ мешуд, беҳтар мешуд.

3. Дар диссертатсияи мавриди назар таъсирпазирии адабиёти ду миллат якҷониба матраҳ гардида, хидмати ховаршиносони фаронсавӣ дар омӯзиши адабиёти форсу тоҷик ба доираи таҳқиқ пурра оварда нашудааст.

4. Дар саҳифаҳои 25-26, фасди дувуми боби аввал муаллиф идомаи фикрро мавқуф гузошта, ба фикри дигар мегузарад, яъне парокандагии андеша ба назар мерасад.

5. Муаллифи диссертатсия дар боби сеюми фасли дуюм, шеъри «Шоҳи Форс»-и Гюгоро, ки аз ҷониби Лоиқ Шералӣ аз русӣ тарҷума гардидааст, таҳқиқ намуда, варианти русии онро барои муқоиса аз матни асл наовардааст. Дар ҳамин фасл, муаллифи диссертатсия пурра тарҷума нагардидани «Сурх ва сиёҳ»-и Стендалро аз ҷониби Б. Муртазоев ва М. Юсуфӣ зикр намуда, дар бораи чопи нав, ки соли 2025 аз ҷониби Б. Муртазоев бо такмилу тавзеҳоти иловагӣ нашр гардид, чизе ишора накардааст .

6. Дар диссертатсияи мавриди назар баъзан хатоии имлоӣ ва пунтуатсионӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи он дар оянда аз манфиат холӣ нест.

Дар маҷмуъ, ин нукот арзиши диссертатсияро кам накарда, ислоҳшавандаанд ва он пажуҳиши арзишманде дар омӯзиши робитаҳои

адабии тоҷику фаронсавӣ маҳсуб меёбад. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаро дар сатҳу савияи зарӯрии илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро дастоварди тоза дар адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ намудан мумкин аст.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Олимӣ Хосият Ҳоким
«18»-уми августи соли 2026.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев, 44, ҳ. 121.
Телефон: (+992) 917-16-07-91.
E-mail: hosiyat.olimova@mail.ru

Имзои Х.Ҳ. Олимиро Боевро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова Мунира Ғайратовна
«18»-уми августи соли 2026.

Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Телефон (+992-37) 232-50-00;
Факс: (+992-37) 232-50-03.
Сомона: www.dbz.tj;
E-mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru